**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Кароматулло Ҳабибулло дар мавзуи «Методикаи омӯзиши асосҳои барномасозии ба объектҳо нигаронидашуда барои ихтисосҳои информатика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика)**

Маълум аст, ки технологияи муосир дар ҳама самтҳои фаъолияти инсон босамара ворид шуда истодааст ва дар ҳалли ҳар як масъала барномаи муофикро донистан лозим меояд. Аз ин рӯ, қисми барномасозии фанни информатика дар омӯзиш ва таълими ин фар ҷои муҳимро ишғол менамояб. Барномасозии ба объектҳо нигаронидашуда (БОН) нисбатан ба дигар бахшхои барномасози душвортар буда, ҳамаи донишомӯзон наметавонанд яку якбора бо мафҳумҳои он сарфаҳм раванд. Пас, дар автореферати мазкур яке аз усулҳои муосир ва инноватсиони барои омӯзиш додани ин шохаи барномасозӣ, ки бо татбиқи муҳитҳои визуалӣ ва воситаҳои графикии забонҳои барномасозӣ амалӣ мегардад, пешниҳод шудааст. Мавриди зикр аст, ки БОН яке аз асоситарин бахшҳои барномасози ба ҳисоб меравад, зеро имрӯз ягон корхона бе донистани он наметавонад, мутахассисеро ҳамчун барномасоз ба кор кабул кунад.

Аз автореферат маълум мегардад, ки унвонҷӯй Ҳабибуллозода К.Ҳ. дар рисола мақсади корҳои тадқиқотиро оварда, норасогӣ ва камбудиҳои методи анъанавӣ ин барномаҳое ҳастанд, нишон дода бо далелҳо асоснок кардааст. Барои ба содаги омӯзиш додан барномасозии ба объектҳо нигаронидашуда аз имкониятҳои нави таълим бо истифода аз барномаҳои визуалию графикӣ мисолу масъалаҳои зиёде оварда шудааст. Ин метод характери ёрирасон дорад, зеро бе донистани асосҳои барномасозӣ наметавон асосҳои БОН –ро аз худ кард. Норасоиҳо ва камбудиҳои ба яке аз масоили муҳими

илми педагогикаи муосир бахшида шуда, дарбаргири як силсила роҳу усулҳое мебошад, ки муҳаққиқ барои самаранокии ҷараёни омодагии касбии донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод кардааст.

Барномасозии ба объектҳо нигаронидашуда, яке аз воситаҳои асосии таҳия намудани барномаҳои муосир ба ҳисоб меравад. Бе донистани асосҳои он дар забонҳои барномасозии муосир аз қабили C#, Java ва ғайра барномасоз наметавонад, ҳатто барномаи содатаринеро низ таҳия намояд. Аз ин рӯ, кори илмии анҷомдодаи Ҳабибуллозода К.Ҳ. аз диди илмию методӣ мубрам мебошад.

Ҳамин тариқ, норасоии таҳқиқоти махсуси мукаммал оид ба масъалаи таҳқиқотӣ, мавҷуд набудани маводи таълимию методӣ оид ба омӯзиши БОН ба забони тоҷикӣ барои устодони соҳаи ТИИ-и донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ, дурусту самаранок ба роҳ мондани таълими БОН дар муассисаҳои таълимӣ мубрам ва муосир будани мавзуи таҳқиқотро собит менамояд. Дар замони муосири рушди таҳсилоти олии касбӣ ҷорӣ намудани навтарин технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва коркарди методикаи инноватсионии омӯзиши асосҳои барномасозӣ ва барномасозии ба объектҳо нигаронидашуда, барои баланд бардоштани қобилияти мустақилият ва эҷодии донишҷӯён заминаи муосир хоҳад гузошт

Қобили қайд аст, ки унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ Ҳабибуллозода К.Ҳ. бо натиҷаҳои корҳои татқиқотии гузаронидашуда, методи пешниҳодагардда ва корхои илмиву тадқиқотии дар заминаи он асоснок будани фарзияи татқиқоташро тасдиқ кардааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили боло автореферати диссертатсия ба ҳама талаботҳои Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Ҳабибуллозода Кароматулло Ҳабибулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика), сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда, муқарризи расмӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Рафиев Сафархон Аюбович

Маълумот дар бораи тамос:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Тел: +992 (83322) 2-05-07
Моб: (+ 992) 918 57 94 47 E-mail: safarkhon@mail.ru

«Имзои Рафиев С.А.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.